# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Азимзода Фирдавс Акбаралӣ дар мавзуи «Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

Мавзуи рисолаи илмии Азимзода Ф.А. яке аз мавзуъҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ маҳсуб мешавад, ки зери таваҷҷуҳи ҳамешагии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Зеро он ба пажӯҳиши таърихи ҳуқуқи миллати тоҷик, бавижа яке аз сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии ниёгонамон – Вандидод бахшида шудааст. Тавре Пешвои миллат баён намудаанд: «Ниёгони мо яке аз куҳантарин тамаддунҳои ҷаҳониро офаридаанд, ки бар пояи «пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек» устувор буд. Тоҷикон дар фосилаи дарози таърих бо ҳусни тадбир, ақлу дониш ва хиради азалии худ дар умури давлатдорӣ нақши барҷаста бозида, бо фарҳанги оламшумул ва забони шево дар баробари ҳифзи ҳастии миллати худ, дар рушду густариши тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми арзишманд гузоштанд».

Мубрамии таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ дар он зоҳир мегардад, ки бо ташаккул ва рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, бавижа илми ҳуқуқшиносӣ падидаҳои ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ низ инкишоф ёфта истодаанд. Дар ин раванд, набояд арзишҳо ва меъёрҳои таърихӣ оид ба ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ки ҳазорсолаҳо пеш дар сарзамини тоҷикнишин амал мекарданд, madди назар қарор гиранд. Ташаккули босуръат ва самаранокии падидаҳои зикршуда маҳз дар заминаи омӯзиши ҷанбаҳои таърихии онҳо ба даст оварда мешавад.

Дар сарзамини таърихии тоҷикон яке аз сарчашмаҳои нодири ҳуқуқӣ Авесто ба ҳисоб мерафт, ки қисмати Вандидоди он масъалаи ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқиро ба таври муфассал танзим

намудааст. Омӯзиши меъёрҳои ҳуқуқии он имконият фароҳам меоварад, ки меъёрҳо, механизмҳо ва баъзе ҷанбаҳои ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар қонунгузории амалкунанда мукаммал гардонида шаванд.

Дар Вандидод масъалаҳои мубрами ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ инъикос ёфтааст, ки таҳқиқи илмии он барои такмил ва ғанӣ гардидани назарияи илми ҳуқуқ ва қонунгузории муосири ҶТ судманд мебошад. Вандидод аз ҷумлаи муҳимтарин ва асоситарин сарчашмаи ҳуқуқии зардуштия ё тамаддуни бостонии миллати тоҷик ба ҳисоб рафта, қонуннома ё кодекси ҳуқуқиест, ки омӯзиш ва пажӯҳиши он барои илми ҳуқуқшиносии муосир ва ҳар як ҳуқуқшинос хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Ба ибораи дигар, Вандидод ганҷинаи пурасрори ҳуқуқии миллати тоҷик ва кодекси фарогири аксарияти соҳаҳои ҳуқуқӣ буда, ҳанӯз дар аҳди бостон муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ, маданӣ, маъмурӣ, экологӣ, оилавӣ ва ғайраро танзим менамудааст. Фазои ҳуқуқии аҳди бостон дар баробари дигар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ маҳз тавассути Вандидод танзим мегардид.

Мубрамии мавзуи таҳқиқот ҳамзамон дар инҳо ифода мегардад:

- хулоса ва пешниҳодҳои дар натиҷаи пажӯҳиш бадастомадаро барои ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба масъалаи ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ истифода кардан мумкин аст;

- хулоса ва нуктаҳои илмии рисола метавонанд дар таҳияи адабиёти вобаста ба таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, ҳуқуқи инсон, таърихи ҳуқуқи инсон, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи оилавӣ ва ҳоказо ба таври васеъ истифода карда шаванд;

- натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд боиси такмили меъёрҳои амалкунандаи қонунгузории ҷиноятӣ, маданӣ, оилавӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ гарданд.

Дар маҷмуъ, мавзуи диссертатсияи Азимзода Фирдавс Акбаралӣ воқеан дорои аҳаммияти баланди илмию амалӣ буда, таҳқиқоти саривақтӣ, мубрам ва анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Азимзода Фирдавс Акбаралӣ соли 2007 шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиноси байналмилалӣ хатм намудааст. Аз соли 2021 то имрӯз ба ҳайси ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлат дар факултети таърих ва ҳуқуқи Донишкадаи омузгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт кору фаъолият намуда истодааст. Аз соли 2021 унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ 18-уми марти соли 2024 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Рисолаи илмии Азимзода Фирдавс Акбаралӣ аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаб иборат мебошад.

Рисолаи илмӣ бо такя ба афкор ва осори илмӣ-пажӯҳишии олимони маъруфи ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаҳои назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат, ҳуқуқи инсон, таърихи ҳуқуқ дар Тоҷикистон, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи оилавӣ асос ёфта, нуктаҳои асосии пажӯҳиш бо истифода аз равишҳои илмии олимони ҳуқуқшиноси ватанию хориҷӣ коркард шудаанд.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Боби якуми рисола ба «Ташаккул ва инкишофи ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод» бахшида шуда, дар он масъалаҳое чун низоми ҳуқуқии зардуштӣ ва арзишҳои башарии он, ташаккул ва инкишофи ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф зимни таҳқиқи масъалаҳои зикршуда, қайд намудааст, ки дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ, махсусан дар сарчашмаи асосии он – Авесто меъёрҳои ҳуқуқие

ҷой доранд, ки онҳоро шартан бо назардошти дастовардҳои нави илми ҳуқуқшиносӣ ба гурӯҳҳо ва соҳаҳои зерини ҳуқуқ тақсим намудан мумкин аст: меъёрҳои хусусияти давлатӣ-ҳуқуқӣ дошта; меъёрҳои танзимкунандаи соҳаи ҳуқуқи маданӣ; меъёрҳои ҳуқуқи оилавӣ; меъёрҳои ҳуқуқии ба ҷиноят ва ҷазо бахшидашуда; меъёрҳои ҳуқуқие, ки ба тозагии об ва истифодаи он бахшида шудаанд; меъёрҳои ҳуқуқии ба ҳифзи табиат нигаронидашуда; меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи муносибати инсон бо ҳайвонот.

Боби дуюми диссертатсия «Таснифоти ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод» номгузорӣ шуда, дар он мавзуъҳои мубрам, ба монанди Вандидод ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-ҳуқуқӣ, мафҳум ва таснифоти ҳуқуқвайронкунӣ мувофиқи Вандидод, мафҳум ва намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод таҳқиқ шудаанд. Муҳаққиқ иброз медорад, ки Вандидод яке аз қисматҳои муҳимми Авесто ба шумор рафта, дар худ падидаҳои ҷазо, ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ҳуқуқвайронкунӣ ва ғайраро фаро мегирад, ки барои мо тоҷикон – ворисони аслии ниёгон омӯзиш ва таҳқиқ намудани паҳлуҳои он қарзи виҷдон ба ҳисоб меравад.

Боби сеюми рисолаи илмӣ масъалаи «Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи вандидод ва таносуби онҳо бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро фаро гирифта, дар он масъалаҳои ҳуқуқвайронкунӣ мувофиқи Вандидод ва таносуби он бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод ва таносуби он бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вандидод ҳамчун заминаи таърихӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифтаанд.

Хулоса ва натиҷагириҳои муаллифи рисола мушаххас, банд ба банд ҷамъбаст шуда, мантиқи баланд, мазмуни ягона ва низомнокии корро инъикос мекунанд. Феҳристи адабиёт мутобиқ ба мавзуи матраҳшуда буда, истинодҳо барои тақвияти пешниҳоди илмӣ мувофиқ ба матлаб истифода шудаанд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, бояд зикр кард, ки диссертатсияи Азимзода Фирдавс Акбаралӣ дар мавзуи «Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқи Вандидод» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ба ҳимоя ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, мудири шуъбаи рушди
иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи
дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе Саъдизода Ҷ.

**Суроға:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мақомоти
иҷроияи ҳокимияти давлатии
шаҳри Душанбе, 734025,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42.
Тел: +992 (37) 221-62-56
+992 (37) 223-10-84
+992 985383867
E-mail: dushanbe80@yahoo.com
E-mail: jahon_1967@mail.ru
https: www.dushanbe.tj

Имзои Ҷ. Саъдизодаро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳои дастгоҳи
Раиси шаҳри Душанбе Сайдуллозода Ф.Ф.

«12» 06 2025 с.